# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи “Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

1. Диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи “Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд” муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида мебошад ва меҳнати ихтисосмандонаи докторант ба ҳисоб меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ - методии рақамикунонии иқтисодиёти минтақаро дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ коркарди ҷанбаҳои назариявию амалии рақамикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир, арзёбӣ намудани муаммо ва омилҳои таъсиррасон ба раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, инчунин тавсия ва хулосаҳои илмии муаллифро оид ба беҳтар намудани чараёни рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар ҳамбастагӣ бо таъмини рушди инноватсионии он дар вилоят фаро мегирад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-13 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, таҳти №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо қисми 8-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 таҳти № 503 оид ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” алоқаманд мебошад.

3. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 25 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд ва

ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда 12,1 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

4. Хулоса дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиданд.

6. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

7. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи “Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи “Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-13-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиони зеринро ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расӣ пешниҳод менамояд:

- Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе;

- Ҷураев Ҷалолиддин Болтабоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд;

3. Ба сифати муассисаи пешбар МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Removed Бобоҷониён Д.Д.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ — Бойматов А.А.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ — Раҳимов А.М.

«17» 07 соли 2025